Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-011
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғафоров Алишер Бобобекович дар мавзӯи «Коркарди амсилаи математикӣ ва барномасозии масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 - Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо

Навишти дурусти раванди масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта ҳангоми тарҳрезии математикӣ бағоят мубрам мебошад. Имрӯзҳо ин мушкилот диққати худро ба доираи васеъи олимон, вобаста ба истифодаи ояндаи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб менамояд. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ пеш аз ҳама ба татбиқи технология алоқаманд буда, имкон медиҳад, ки самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро идора намояд. Соҳаи пахтакорӣ яке аз соҳаҳои асосии муҳими иқтисодӣ ва стратегии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафҳои асосии соҳа таъмини амнияти озуқавории мамлакат, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва ба кор таъмин намудани мардуми деҳот мебошад. Муҳофизати растаниҳо аз ҳашаротҳои зараррасон дар тамоми ҷаҳон яке аз масъалаҳои муҳими давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Истифодаи усулҳои математикӣ ва барномаи компютерӣ барои ҳалли масъалаи муҳофизати ҳосили пешбинишуда, самаранокии кори банақшагирӣ ва иқтисодиро ба таври назаррас баланд мебардорад, ки ин имкон медиҳад на танҳо вақти ҳисобкунӣ хеле кам карда шавад, балкӣ натиҷаҳои оптималӣ низ ба даст оварда шаванд. Амсиласозии математикии системаҳои мураккаби динамикӣ, аз қабили биосенозҳо, комплексҳои экологӣ-иқтисодӣ ва саноатӣ, равандҳои бисёрсатҳаи технологӣ, системаҳои идоракунии муҳити зист бо зиддияти бартарафнашаванда алоқаманд аст. Аз як тараф, барои истифода аз як амсила, барои пешгӯйии рафтори системаи реалӣ ва назорати он бояд

тавсифи мукаммалтари он ба даст оварда шавад, ки ин ба имконнопазирии таҳқиқоти таҳлилӣ ё сифатӣ оварда мерасонад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз он шаҳодат медиҳад, ки олимони зиёде оиди системаҳои биологӣ таҳқиқот бурда, ба натиҷаҳои муҳим ноил гардиданд. Ин натиҷаҳо илман асоснок шуда, дар нашрияҳои даврии илмии бонуфузи дохилию хориҷӣ ба табъ расида, аз истифодаи амсиласозии математикӣ ва татбиқи он дар хоҷагии халқ шаҳодат медиҳад. Яке аз қисмҳои муҳими илми математика, ки дар истеҳсолот татбиқи хело васеъ дорад, ин амсиласозии математикӣ ба ҳисоб меравад.

Олимони соҳаи математика ва биология бо истифода аз технологияҳои муосир, амсиласозии математикӣ ва компютерӣ рафтори ин ё он системаи биологиро таҳқиқ кардаанд. Онҳо дар гузаронидани ин таҳқиқотҳо аз усулҳои ҳисоб, комплекси барномаҳо ва алгоритмҳои махсуси самарабахш истифода мебаранд. Пайдоиши тасаввуроти имрӯза оид ба муҳофизати растаниҳо аз ҳашаротҳои зараррасон, бо номи муҳаққиқони машҳури дохилию хориҷии дар зер зикргардида сахт алоқаманд буда, корҳои илмии онҳо асоси ин таҳқиқотҳо мебошанд: Свирежев Ю.М., Логофет Д.О., Юнусӣ М.К., Одинаев Р.Н. ва дигарон.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, ки дар ин кори диссертатсионӣ оварда шудааст, бо сохтани синфи васеъи амсилаҳои дурусти математикӣ ва компютерии агросенозаи пахта бо растаниҳои шаҳддиҳанда ва домҳои феромонӣ бо назардошти вақт, сохтори синну солӣ, ва бо функсияи ихтиёрии трофикӣ. Муқоиса бо натиҷаҳои маълуми назариявӣ, санҷиши алгоритмҳои ададӣ ва маҷмӯи барномаҳо оид ба масъалаҳои амсилавӣ, ки ҳалли онҳо аз тарафи муаллиф нашр гардиданд. Натиҷаҳои дар ин таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда дар семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ муҳокима карда шуда, инчунин ҳангоми нашри мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия хулосаҳои мусбат гирифтанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот

- маҷмӯи амсилаҳои математикии раванди муҳофизати агросенозаи пахта коркард ва таҳқиқ шуда, шартҳои зарурӣ ва кифоягии мавҷудияти ҳалли масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта асоснок карда шудааст;
- вобаста ба нобудкунии шумораи намудҳои зараррасони биосистема, масъалаи оптимизатсионии муҳофизати агросенозаи пахта гузошта шуда, ҳал карда шудааст;
- бо истифода аз усули Адамс, усули ададии ҳалли масъалаи интегро-дифференсиалии муҳофизати агросенозаи пахта бо назардошти вақт, сохтори синну солии ҳашаротҳо пешниҳод карда шудааст. Барои аппроксиматсияи ададӣ ва гузаронидани таҷрибаҳои ҳисобкунӣ, амсилаи интегро-дифференсиалии масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта дида баромада шудааст;
- дар доираи кори диссертатсионии мазкур, барои идоракунии раванди муҳофизати агросенозаи пахта бо растаниҳои шаҳддиҳанда, бо назардошти вақт, сохтори синну солии ҳашаротҳо ва бо функсияи ихтиёрии трофикӣ, комплекси барномавӣ бо истифода аз забони барномасозии объектгарои C++ сохта шуда, силсилаи ҳисобкуниҳои таҷрибавӣ бо додаҳои амсилавӣ гузаронида шудааст.

Умуман, мазмуну мундарича таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуда, баъзе камбудиҳои ҷузъиро ёдовар мешавем, дар баъзе саҳифаҳо формулаҳо якзайл навишта нашудаанд, инчунин дар баъзе саҳифаҳо камбудиҳо дар ҷумлабандӣ дида мешавад.

Албатта, эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, ба арзишҳои асосии илмӣ ва назариявию амалии кори диссертатсионӣ таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундарича корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯ пурра инъикос мекунанд.

Ҳамин ҳариқ, диссертатсияи Ғафоров Алишер Бобобекович дар мавзӯи «Коркарди амсилаи математикӣ ва барномасозии масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 - Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, онро дар ҳалли масъалаи пешгӯикунӣ ва банақшагирӣ, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ барои популятсияҳои мушаххас, системаҳои биологӣ ва системаҳои экологӣ истифода бурдан мумкин аст.

Кори илмии мазкур аз рӯйи ҳаҷм, арзиши амалӣ ва назариявӣ ҷавобгӯ ба ҳамаи талаботҳои КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 - Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо мебошад.

Номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент, директори Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон А.М. Наҷмиддиниён

Суроғa:
734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126.
Тел: (+992) 225.84.04.
Email: asadullo-tj@mail.ru

Имзои А.М. Наҷмиддиниёнро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ АТТ Раҳимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО